Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

5 марти соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст,

рақами бақайдгирӣ 1145

# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

Дар бораи Тартиби истифода ва таъин намудани истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ

190.010.000

Мутобиқи қисми якуми моддаи 11 ва қисми дуюми моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо"ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ",

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби истифода ва таъин намудани истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

3. Сардорони Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, раёсатҳои тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳри Душанбе, сартабибони муассисаҳои табобатию пешгирӣ ва фарматсевтии ҷумҳуриявӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, сардорони муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, фарматсевтӣ ва таълимӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ амалигардонии фармоиши мазкурро таъмин намоянд.

4. Фармоиши вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2005, №103 "Дар бораи ташкили кор бо маводи доругии нашъадор" аз эътибор соқит дониста шавад.

5. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

"Тасдиқ мекунам"

Вазири тандурустӣ ва

ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии

Тоҷикистон

_______ Ҷамолиддин Абдуллозода

"Мувофиқа шуд"

Директори Агентии назорати

маводи нашъаовари назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

________ Ҳабибулло Воҳидзода

ш. Душанбе,

аз 2 феврали соли 2022, №78

Замима
бо фармоиши вазири тандурустӣ

ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии

Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 феврали соли 2022, №78
тасдиқ карда шудааст

# Тартиби истифода ва таъин намудани истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби истифода ва таъин намудани истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ (минбаъд **Тартиб**) дар асоси қисми якуми моддаи 11 ва қисми дуюми моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо" таҳия гардида, мақсади он таъмин намудани истифода ва таъин намудани истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар муассисаҳои табобативу пешгирӣ ва фарматсевтӣ, илмию тадқиқотӣ ва дигар муассисаҳои тандурустӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ мебошад.

2. Тартиби мазкур тарзи истифода ва таъин намудани истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропиро бо мақсадҳои тиббӣ, ки дар Рӯйхати миллии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо дарҷ гардидаанд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2020, №121 тасдиқ гардидааст, ба танзим медарорад.

3. Ҷиҳати дуруст ба роҳ монданитарзи истифода ва таъин намудани истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ дар муассисаҳои табобативу пешгирӣ ва фарматсевтӣ, илмию тадқиқотӣ ва дигар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ аз ҷониби Муассисаи давлатии "Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста мониторинг гузаронида шуда,аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонназорат карда мешавад.

4. Ҳар як муассисаи табобативу пешгирӣ ва фарматсевтӣ уҳдадор аст комиссияи доимоамалкунанда ташкил намояд, ки он на камтар аз як маротиба дар як моҳ ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани истифода ва таъин намудани истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропиро бо мақсадҳои тиббӣ дар муассисаи мазкур зери назорат мегирад.

5. Барои кору фаъолият бо воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ мутахассисоне, ки дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи тиббӣ, фармасевтӣ мебошанд, ҷалбкарда мешаванд.

6. Шахсоне, ки дуруст ба роҳ монданиистифода ва таъин намудани истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропиро амалӣ менамоянд, бо фармоиши роҳбари муассиса тасдиқ карда мешаванд.

7. Роҳбарони муассисаҳои табобативу пешгирии марказии шаҳру ноҳияҳое, ки тибқи фармоиш ба зерсохторҳои худ оид ба муомилоти қонунии маводи нашъадор ва психотропӣ иҷозат додаанд,уҳдадоранд, ки бо фармоиши дохили идоравӣ шахсони масъулро барои дуруст ба роҳ монданиистифода ва таъин намудани маводи мазкур бо мақсадҳои тиббӣ, инчунин навиштани дорухат барои дастрасии маводи доругии нашъадор ва психотропӣ таъин намоянд.

8. Дар муассисаҳои табобатию пешгирӣ таъин ва истифодаи маводи доругии нашъадор ва психотропӣ тибқи талаботи муқаррааргардидаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи беморӣ бо нишон додани номгӯйи маводи доругӣ, воя ва тарзи истифодаи он аз ҷониби табиби муолиҷакунанда ба расмият даровaрда мешавад.

9. Дар муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии ҷумҳурӣ мутахассисони соҳа (саратоншинос, табиби оилавӣ, ҷарроҳ, осебшинос, асабшинос, руҳшинос ва дигар табибон), ки бо фармоиши роҳбари муассиса ба кор таъин гардидаанд, метавонанд маводи доругии нашъадор ва психотропиро таъин намоянд. Мутахассисони соҳаи мазкур уҳдадоранд, ки таъин намудани маводи доругии нашъадор ва психотропиро дар дорухати шакли тасдиқгардидаи Тартиби мазкур ва дафтарчаи тиббии бемори амбулаторӣ бо нишон додани номгӯйи маводи доругӣ, воя ва тарзи истифодаи онро мувофиқи қоидаҳои амалкунанда ба расмият даροранд.

10. Дар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ истифода намудани маводи доругии нашъадор ва психотропӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифода ва истеъмоли онҳо иҷозат дода нашудааст, манъ мебошад.

**2. ТАРТИБИ ИСТИФОДА БАРИИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР ВА МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ БО МАҚСАДҲОИ ТИББӢ**

11. Истифодабарии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ дар муассисаҳои табобативу пешгирӣ, фарматсевтӣ, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, озмоишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ тибқи талаботи Тартиби мазкур амалӣ мегардад.

12. Истифодабарии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ дар муассисаҳои фарматсевтӣ барои тайёр намудани маводи доругӣ:

- дар қуттиҳои маводи доругии нашъадор ва психотропӣ (ампулаҳо, флаконҳо ва љайра) бояд номгӯйи маводи доругӣ, воя, миқдор, таърихи истеҳсол ва муҳлати истифодаи он қайд гардида бошад;

- аслияти маводи доругии нашъадор ва психотропӣ, ки дар зарфҳои дорухонагӣ, ҷевонҳои оҳанини ҳуҷраи ассистентӣ мавҷуданд, дар ҳама ҳолатҳо бояд ба воситаи реаксияҳои химиявӣ собит ва муайян карда шаванд. Истифодаи маводи доругиро аз зарфҳои дорухонагӣ, ки рақами озмоиши сифати онҳо ё ин ки нишондодҳои дар боло зикргардидаро надоранд, қатъиян манъ мебошанд.

13. Истифодабарии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ дар муассисаҳои табобативу пешгирӣ:

- муассисаҳои табобативу пешгирӣ, ки дорухонаҳои дохили муассисагиро надоранд, маводи доругии нашъадор ва психотропиро бояд дар шакли

маводи доругии тайёр қабул намоянд. Маводи доругии нашъадор ва психотропӣ, ки аз дорухона қабул карда мешаванд, бояд дар қолъазҳои тамғадор таъиноти "Дарунӣ", "Берунӣ", "Барои дохили варид ва мушак", "Қатрадоруҳо барои чашм" ва ғайра, номгӯй ё рақами дорухонаи маводи доругиро тайёркарда, номгӯйи шуъбаи муассисаи фарматсевтӣ, таркиби маводи доругиро мувофиқи рӯйхати дар дархости муассисаҳои табобативу пешгирӣ муқаррааргардида, санаи тайёркунӣ, рақами тартибии таҳлил, муҳлати коршоямӣ ва имзои шахсони маводи доругиро тайёркарда, озмоишкунанда ва аз дорухона таҳвилкунандаро дошта бошанд. Ҳангоми мавҷуд набудани талаботҳои болозикр нигаҳдорӣ, баҳисобгирӣ ва таҳвили онҳо дар бастаи доруҳое, ки дар таркибашон маводи доругии нашъадор ва психотропӣ доранд, дар муассисаҳои табобативу пешгирӣ манъ мебошад. Печонидан, баркашидан, фиристодан, аз нав пур кардан ва ба зарфи шуъбаҳои муассисаҳои табобативу пешгирӣ ва фарматсевтӣ гузоштан, инчунин иваз намудани тамғакоғазҳои онҳо қатъиян манъ аст.Дар қолъазҳои тамғадори маводи доругии нашъадор бояд бо ранги сиёҳ тамғаи "Заҳр" гузошта шавад.Дар тарафи дохилии дари ҷевони оҳанин, дар ҷойи нигаҳдории маводи доругии нашъадор ва психотропӣ, дар ҳуҷраи табибон ва ҳамшираҳои навбатдор бояд номгӯйи маводи доругии нашъадор ва психотропӣ бо нишон додани вояҳои баландтарини яккарата ва шабонарӯзӣ, инчунин ҷадвали зиддизаҳрӣ ҳангоми заҳролудшавӣ бо ин маводҳоро дошта бошанд;

- захираи маводи доругии нашъадор ва психотропӣ дар шуъбаҳо набояд аз талаботи серӯза ва дар дорухонаҳои муассисаҳои табобативу пешгирӣ аз талаботи семоҳа зиёд бошанд;

- дар шуъбаҳои қабули беморхонаҳо барои расонидани ёрии фаврии тиббӣ, ки шабонарӯзӣ фаъолият мекунанд, захираи панҷрӯзаи маводи доругии нашъадор ва психотропӣ иҷозат дода мешаванд. Захираи мазкур бо иҷозати табиби навбатдор дар ҳамаи шуъбаҳои беморхона истифода бурда мешавад;

- истифодаи дарунии маводи доругии нашъадор ва психотропӣ бояд танҳо дар ҳузури ҳамшираи тиббӣ ба амалӣ карда шавад. Истифодаи маводи доругӣ тавассути сӯзандору бо таъиноти табиб аз тарафи ҳамшираи тиббии ҳуҷраи доругузаронӣ ё ҳуҷраи беморон дар ҳузури табиб гузаронида мешавад ва дар таърихи беморӣ ва варақаи таъинот қайд мегардад;

- қабл аз истифода намудани маводи доругии нашъадор ва психотропӣ номгӯйи маводи доругиро аз рӯйи дурустии таъиноти он, шакли зоҳирӣ, ранг ва сифати онҳо аз назар гузаронида мешаванд. Маводи доругие, ки дар онҳо аломати вайроншавӣ (хирагӣ, таҳшиншавӣ, бӯи бегона, намнокшавӣ ва ғайра) пайдо гардидаанд, истифодаи онҳо қатъиян манъ карда шуда, ба анбори муассиса бозпас гардонида шуда, сипас барои муайян намудани сабаби вайроншавӣ ва истифодаи минбаъдаи онҳо ба мақомоти ваколатдор дар соҳаи тандурустӣ, Хадамони назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фиристода мешаванд.

14. Истифодабарии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ дар анборҳои муассисаҳои фарматсевтӣ:

- воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣновобаста аз шакли маводи доругӣ дар анборҳое нигоҳ дошта мешаванд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома дода шудаанд;

- маводи доругии нашъадор ва психотропӣ аз анбори дорухона бояд дар шакли муҳргузошташуда таҳвил карда шаванд, ҳамзамон ба ҳар як баста тамљаколъаз бо нишонии таҳвилкунанда, номгӯйи маводи дохилии баста ва рақами таҳлил насб карда шаванд;

- маводи доругии нашъадор ва психотропӣ аз рӯйи ваколатномаи алоҳидае дода мешаванд, ки бо тартиби муқарраргардида номгӯйи маводи гирифташаванда ва миқдори онҳо бо ҳарфҳо навишта мешаванд. Муҳлати амали ваколатнома 10 рӯз мебошад;

- қабл аз таҳвил намудани маводи доругии нашъадор ва психотропӣ шахси масъул бояд шахсан асоси таҳвили мувофиқати маводи доругии нашъадор ва психотропиро бо ҳуҷҷати замимашаванда, дурустии бастаро тафтиш намояд ва дар нусхаи ҳисобномаи дар анбор нигоҳдошташуда имзо гузорад;

- маводи доругии нашъадор ва психотропӣ аз анборҳо ва дорухонаҳо бо мақсади тиббӣ ба муассисаҳои табобативу пешгирӣ, ташкилотҳои фарматсевтӣ, инчунин муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва таълимгоҳҳои тиббӣ, ки иҷозати кат доранд, дода мешаванд;

- дар анбори дорухонаҳо нигоҳ доштани маводи доругии нашъадор ва психотропӣ, ки барои истифода ва истеъмоли онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода нашудаанд, манъ мебошад;

- маводи доругии нашъадор ва психотропие, ки тариқи почта, ё ин ки воситаҳои гуногуни нақлиётӣ ба анбор воридот мешаванд, аз ҷониби комиссия қабул карда мешаванд;

- комиссияи қабули маводи доругии нашъадор ва психотропӣ бо фармоиши роҳбари муассиса таъин карда мешавад. Раиси комиссия мутахассис аз ҳисоби кормандон ё муовини сардори анбор таъин карда мешавад. Ба ҳайати комиссия шахси масъул барои нигаҳдории маводи доругӣ шомил карда мешавад;

- дар вақти ворид гардидани маводи доругии нашъадор ва психотропӣ муовини роҳбари муассисаи фарматсевтӣ ё ин ки мудири анбор вазифадоранд, ки шахсан мувофиқати миқдори қабулшударо тибқи борхат тафтиш намоянд;

- маводи доругие, ки аз дигар анборҳо бо рақамҳои таҳлилии мутобиқ ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ - техникӣ ворид шудаанд, танҳо дар ҳолати пайдо шудани шубҳа вобаста ба сифати онҳо, инчунин ҳангоми ошкор гардидани вайронкунии қоидаҳои интиқол ва нигаҳдории онҳо аз тадқиқоти назоратӣ ва таҳлилӣ гузаронида мешаванд;

- маводи доругии нашъадор ва психотропӣаз анбор танҳо дар шакли муҳргузошташуда таҳвил карда мешаванд, ҳамзамон дар болои ҳар як борхалта муҳртамлъа бо нишонии таҳвилкунанда, номгӯйи маводи дохилии борхалта ва рақами таҳлил насб карда мешавад;

- таҳвили маводи доругии нашъадор ва психотропӣдар асоси дархост, ки аз ҷониби роҳбари муассиса ё муовини он бо имзо ва муҳр тасдиқ мегардад, ба амал баровaрда мешавад;

- маводи доругии нашъадор ва психотропӣаз анбор ба муассисаҳои табобативу пешгирӣ ва дорухонагӣ, ҳамчунин ба муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва таълимии тиббӣ таҳвил мегарданд;

- фурӯхтан ва таҳвили маводи доругии нашъадор ва психотропӣ (ба истиснои ҳолатҳои зарурӣ) дар вақтҳои шабона манъ мебошад.

15. Воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар озмоишгоҳҳои санҷишию таҳлилӣ ба ҳайси реактивҳо истифода бурда мешаванд.

16. Истифодабарии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, озмоишгоҳҳо ва таълимгоҳҳо:

- воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, озмоишгоҳҳо ва таълимгоҳҳо барои гузаронидани машғулиятҳои амалӣ бо донишҷӯён истифода бурда мешаванд;

- ҷавобгарӣ барои дуруст истифода намудани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, ки барои гузаронидани машғулиятҳои амалӣ бо донишҷӯён таҳвил карда мешаванд, дар муассисаҳои таълимӣ ба зиммаи омӯзгоре, ки ин машғулиятҳоро доир менамояд, вогузор карда мешавад. Дар синфхонаҳо баъди дарс нигоҳ доштани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ манъ аст;

- воситаҳои нашъадор ва психотропӣ ба номзади илм барои як рӯзи корӣ (ба омӯзгор барои як машғулият) дода шуда, худи ҳамон рӯз аз рӯйи китоби баҳисобгирии озмоишгоҳ аз ҳисоб баровaрда мешаванд. Доруҳои истифоданашуда баргардонида шуда, баҳисоб гирифта мешаванд;

- ҳангоми истифодаи воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тадқиқотӣ санад тартиб дода мешавад. Воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсади таълимӣ ба омӯзгор дар асоси нишондодҳои воситаҳои методӣ барои гузаронидани машғулиятҳо дода мешаванд.

17. Меъёрҳои сарф намудани маводи доругии нашъадор бо баҳисобгирии ҳамаи шакли доругӣ ба моддаи холиси таъсиркунанда бо ченаки воҳидӣ (грамм) ба 1000 нафар ва барои маводи доругии психотропӣ ба 10 000 нафари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як сол барои як кат муайян карда мешавад (ҷадвали 1).

Ниг. ба Ҷадвалҳои 1 ва 2

### 3. ТАРТИБИ ТАЪИН НАМУДАНИ ИСТЕЪМОЛИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР ВА МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ БО МАҚСАДҲОИ ТИББӢ

19. Таъин намудани истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ дар муассисаҳои табобативу пешгирӣ ва фарматсевтӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ мувофиқи талаботи Тартиби мазкур амалӣ мегардад.

20. Таъин намудани истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ дар муассисаҳои табобативу пешгирӣ ва фарматсевтӣ дар асоси ташхиси тиббӣ ва бо сабт намудани маводи доругӣ дар картаи амбулаторӣ, таърихи беморӣ ва дорухат ба роҳ монда мешавад.

21. Варақаҳои махсуси дорухати маводи доругии нашъадор ҳангоми воридшавӣ ба муассисаҳои табобативу пешгирӣ аз тарафи комиссияи махсуси таъиннамудаи роҳбари муассиса қабул карда мешаванд ва тибқи санади комиссияи қабул дар дафтари баҳисобгирии дорухатҳои махсус оид ба маводи нашъадор рақамгузорӣ ва дӯхташуда, бо имзои роҳбар ва муҳри Муассисаи давлатии "Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида ба қайд гирифта мешаванд (замима 1). Бо фармони роҳбари муассиса шахси масъул ҷиҳати қабул, нигаҳдорӣ, баҳисобгирӣ ва таҳвили варақаҳои махсуси дорухат барои маводи доругии нашъадор таъин карда мешавад.

22. Захираи варақаҳои махсуси дорухат дар муассисаҳои табобативу пешгирӣ барои эҳтиёҷот, набояд аз меъёрҳои солона зиёд бошад. Шумораи онҳо тариқи ҳисоботи семоҳа ба сохтори ваколатдори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳоли Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Ба табиби муолиҷавӣ ҳангоми муайян намудани хусусиятҳои тиббии шахси бемор таҳвили варақаи махсуси дорухат барои дастрасии маводи доругии нашъадор дар ҳолатҳои зарурӣ бо иҷозати муовини роҳбари муассисаҳои табобативу пешгирӣ оид ба табобат ё худи роҳбари муассиса дода мешавад.

23. Захираи варақаҳои махсуси дорухат барои маводи доругии нашъадор дар сандуқи оҳанин маҳкам ва муҳрзадашуда гузошта шуда, калиди он дар дасти роҳбар ё шахси масъул, ки бо фармоиши муассиса таъин гардидааст, нигоҳ дошта мешавад.

24. Роҳбарони муассисаҳои табобативу пешгирӣ барои истеъмол ва истифодаи мақсаднок ва нигаҳдории маводи доругии нашъадор, психотропӣ ва навиштани варақаҳои махсуси дорухат пурра ҷавобгар мебошанд.

Ниг. ба Замимаи 1

25. Таъин намудани истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ дар муассисаҳои табобативу пешгирӣ:

- дорухат - ҳуҷҷатест, ки муроҷиати хаттии мутахассиси тиббиро оид ба додани дору аз муассисаҳои дорухонагӣ бо нишондоди тарзи истеъмоли онро дар бар мегирад;

- маводи доругии нашъадор дар дорухати махсуси шакли №17-03/у-01 бо сиккаи муассисаи табобативу пешгирӣ тасдиқгардида навишта мешавад (замимаи 2);

- маводи доругии психотропӣ дар дорухати махсуси шакли №17-02/у-01 бо сиккаи муассисаи табобативу пешгирӣ тасдиқгардида навишта мешавад (замимаи 3);

- дорухат барои маводи доругии нашъадор ва психотропӣ бо забони лотинӣ дар варақаҳои бо чопи типографии шакли махсуси тасдиқкардашудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ранги кабуд ё сиёҳ ҳама сатрҳои он дуруст ва фаҳмо қайд гардида, бо гузоштани имзо ва муҳри шахсии табиб тасдиқ карда мешавад, ислоҳ кардани дорухат иҷозат дода намешавад;

- дорухат барои маводи доругии нашъадор ва психотропӣ бояд дастнавис бошад ва бо имзову муҳри шахсии табиб тасдиқ карда шавад. Инчуин дорухати аз тарафи сардухтури муассисаи табобативу пешгирӣ ва ё муовини сардухтур, ё ин ки сардори шуъбае, ки оид ба таъиноти маводи доругии нашъадор мутасаддӣ мебошанд, имзо гардида, бо муҳри даврашакли муассисаи табобативу пешгирӣ тасдиқ карда мешавад;

- номгӯйи маводи доругии нашъадор, психотропӣ дар қисми аввали дорухат навишта навишта мешавад. Нақши муҳрҳо бояд дар дорухат равшан ва фаҳмо бошанд;

- воя ва миқдори маводи доругии нашъадор бо ҳарфҳои калон навишта мешаванд;

- ҳангоми навиштани маводи доругии нашъадор барои таҳвил дар шароити имтиёзӣ, ё ин ки ройгон илова ба дорухати махсус, дорухати намунаи 17-02/у-01 бо коъази нусхабардор навишта мешавад, дорухати махсус дар дорухона ба муҳлати ду сол нигоҳ дошта шуда, нусхаи он дар дасти бемор ва ё дар дасти хешу табори бемор нигоҳ дошта мешавад;

- дорухат барои кодеин фосфат, этилморфин гидрохлорид, этаминал натрий бо дигар маводи доругӣ омехта дар дорухати намунаи 17-02/у-01 навишта шуда, бо муҳри муассисаи табобативу пешгирӣ, имзо ва муҳри шахсии табиб тасдиқ карда шавад;

- ба беморони амбулаторӣ навиштани дорухат барои гирифтани эфири мадҳушкунанда, хлорэтил, фентанил, сомбревин, фторотан ва калипсол (кетамин) манъ мебошад;

- аз миқдори муқарраргардида зиёдтар таъин кардани маводи доругии нашъадор дар як дорухат (замимаи 2), ки дар ҷадвали №3 нишон дода шуда аст,ба истисноi ҳолати тиббӣ-иҷтимоии бемор ва ё хулосаи комиссияи машваратии тиббӣ дар муассиса буда иҷозат дода намешавад;

Ниг. ба Ҷадвали 3

- дар ҳолатҳои зарурӣ барои табобати беморони саратони табобатнашаванда дар як дорухат миқдори маводи доругии нашъадорро зиёдтар таъин кардан мумкин аст, ки ин миқдори вояи таъинот дар ҷадвали №4 нишон дода шудааст, инчунин миқдори вояи таъиноти маводи доругии психотропӣ низ дар ин ҷадвал нишон дода шуда, таъин намудани он тариқи дорухати замимаи 3 Тартиби мазкур ба роҳ монда мешавад. Дар ин ҳолат, бемори саратон бо фармоиши хаттии сардори муассисаи табобативу пешгирӣ ба дорухонаи ҷойи зист бо мувофиқаи мудири дорухона ҷиҳати таъмин намудани он бо маводи доругии нашъадор вобаста мегардад (замимаи 4);

- барои табибон навиштани дорухати махсус барои гирифтани маводи доругии нашъадор бе нишондоди тиббӣ, ки тибқи протоколи дармонгоҳ асоснок карда нашудааст, манъ аст;

- ба кормандони дорои таҳсилоти миёнаи тиббӣ навиштани маводи доругии нашъадор манъ мебошад;

- табиб барои навиштани дорухати махсус ва директор ё сардухтури муассисаи табобативу пешгирӣ барои тасдиқ кардани он тибқи қонунгузории Ҷумҳури Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд;

- дорухате, ки ҳаддиақал ба яке аз талаботҳои болозикр ҷавобгӯй набошад, ё ин ки маводи доругӣ аз ҷиҳати кимиёвӣ номувофиқ бошад, беэътибор дониста мешавад ва бо муҳри "Нодуруст" пахш гардида, дар китоби махсус қайд карда мешавад. Ахборот оид ба ин ҳолат ба мақоми ваколатдор дар соҳаи тандурустии маҳал пешниҳод карда мешавад;

- ба табибон ва ҳамшираҳои шафқат бе сабти хаттӣ дар таърихи беморӣ таҳвили маводи доругии нашъадор ва психотропӣ тавассути сӯзандору иҷозат

дода намешавад. Дар ҳолати ҳозир набудани табиби табобаткунанда табиби навбатдор метавонад ин гуна таъинотро иҷро намояд ва онро дар таърихи беморӣ сабт намояд;

- дар таърихи беморӣ санаи оъҳоз ва анҷоми истеъмоли маводи доругии нашъадор ва психотропӣ нишон дода мешавад;

- пеш аз таҳвили маводи доругии нашъадор ва психотропӣ номгӯйи маводи доругӣ аз рӯйи тамғакоғаз ва дурустии таъиноти он тибқи таърихи беморӣ, шакли зоҳирӣ, ранг ва ғайра тафтиш карда мешавад. Истеъмол намудани маводи доругие, ки дар онҳо аломати вайроншавӣ хирагӣ, таҳшиншавӣ, бӯи бегона, намнокшавӣ ва ғайра зоҳир гаштааст, қатъиян манъ карда мешаванд ва ба дорухона барои муайян намудани сабаби он фиристода мешаванд.

**ЭЗОҲ**:

- дархости муассисаи табобативу пешгирӣ барои аз дорухона гирифтани маводи доругии нашъадор бо забони лотинӣ дарҷ мегардад;

- табибони дандонпизишк барои дастрасии кокаин (дар намуди хамира) барои истифодабарӣ дар ҳуҷраҳои дандонпизишкӣ (бе ҳуқуқи додани он ба дасти бемор) метавонанд бо гузоштани имзои хеш дархост нависанд;

- дархост барои кокаин (дар малҳам) ғайри имзои табиби дандонпизишк бояд бо имзои сардори муассиса ё муовини он тасдиқ карда шавад;

- дархости муассисаи табобативу пешгирӣ барои маводи доругии нашъадор бояд дар варақаҳои алоҳидаи сиккадор, муҳри доирашакл ва бо имзои сардори муассиса ё муовини он оид ба корҳои табобатӣ навишта шавад;

- дар дархост ҳатман номгӯйи шуъба ё ҳуҷра бояд дарҷ карда шавад.

Ниг. ба Замимаҳои 2-5

____________

(номгӯйи муассисаи табобативу пешгирӣ)

**Д А Ф Т А Р И**

**баҳисобгирии варақаҳои махсуси дорухат барои маводи доругии нашъадор**

**дар муассисаҳои табобативу пешгирӣ**

| № р/т | Воридот | Харочот | Ном у | |
|---|---|---|---|---|

| | Санаи воридшавии варақаҳои махсуси дорухат | Таъмингар, № ва санаи борхат | Миқдори умумии варақаҳои махсуси дорухат | № силсила аз - то | Миқдор | Санаи таҳвили варақаи махсуси дорухат | № силсила, варақаи дорухат | Миқдори варақаи махсуси дорухат | Дода шуд, ному насаби табиб | Имзои табиб | | Бақияи варақаҳои махсуси дорухат |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |

Ҷадвал №3

| №№ р/т | Номгӯйи маводи доругӣ | Миқдор |
|---|---|---|
| 1 | Кокаин гидрохлорид | 0,1г |
| 2 | Морфин гидрохлорид 10мг | 10 ҳаб |
| 3 | Морфин гидрохлорид - шишадору 10мг/1мл | 10 шишадору |
| 4 | Промедол 10мг/1мл | 15 шишадору |
| 5 | Промедол 20мг/1мл | 10 шишадору |
| 6 | Этилморфин гидрохлорид 10мг | 20 ҳаб |

Замимаи 2

ба Тартиби таъин намудани истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ

Шакли № 2

Ҳуҷҷати тиббии шакли № 17-03/у-01

Дорухат

барои гирифтани маводи доругие, ки дар таркибашон

маводи нашъадор доранд

Силсила рақам

маводи нашъадор № 000 000

(сиккаи муассисаи табобатӣ-пешгирӣ)

«____»_________________20___с

Rp: ____________________________________________________________

______________________________________________________________

Қабул __________________________________________________________

Хуҷҷати қайди махсус

Дар дорухона нигоҳ дошта мешавад

Ному насаби бемор________________________________________________

Рақами картаи амбулаторӣ________________________________________________

Табиб ____________________________________________________

(хоно навишта шавад)

Ҷ.М. Ҷ.М.

МТП Табиб

Бо ранги кабуд ё сиёҳ навишта мешавад.

Ислоҳ кардан иҷозат дода намешавад.

Эзоҳ: Варақаи гулобӣ бо нишонаҳои обӣ ва ситорадор.

Замимаи 3

ба Тартиби таъин намудани истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ

Шакли № 3

**Дорухат**

Замима ба дорухати шакли №2 ва барои навиштани маводи доругии психотропӣ ва маводи доругие, ки бо тарзи ройгон дода мешаванд

| | |
|---|---|
| Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии | Ҳуҷҷати таббии |
| аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шакли № 17-02/у-01 |
| номгӯйи (сиккаи) муассиса | рамзи муассиса бо ОКУД |
| | рамзи муассиса бо ОКПО |

Дорухат, силсила____________________№______________

«___»____________________ соли 20__

(санаи навиштани дорухат)

_____________________________________________________________________________________

| Пардохти пурра | Ройгон | 50% | 20% |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |

Н.Н. бемор_____________________________________________________________________________

(пурра) ИҶБВ Кӯдакон ва ғайра № шаҳодатнома

Синну сол______________________________________________________________________________

Нишона ва ё № дафтарчаи тиббии беморони амбулаторӣ

_____________________________________________________________________________________

Н.Н.табиб______________________________________________________________________________

(Пурра)

Рақами телефон ________________

Рақами диплом____________________

| Сомони | Дирам | RP: |
|---|---|---|
| | | |

Имзо ва муҳри шахсии табиб М.П.

МТП

**Ёдрас**

**барои табиб оид ба тарзи дуруст навиштани дорухати шакли № 17-02\у-01**

Тартиби дуруст навиштани дорухати шакли № 17-02\у-01:

- рамзи муассисаҳои табобативу пешгирӣ ба тарзи типографӣ навишта мешавад ва ё сиккаи муассиса гузошта мешавад;
- табибоне, ки дар муассисаҳои хусусӣ кор мекунанд, дар тарафи чапи қисми болоии дорухат суроға, рақами иҷозатнома, таърихи дода шудани он, муҳлати амали он ва номгӯйи муассисае, ки онро додааст, бояд дар сикка нишон дода шавад;
- дорухат бо забони лотинӣ хоно бо ранги кабуд ё сиёҳ ва ручкаи сақочадор навишта мешавад ва ислоҳ кардани он қатъиян манъ аст;
- дар як дорухат навиштани 2-3 номгӯйи маводи доругӣ иҷозат дода мешавад;
- дар дорухат танҳо ихтисору ишораҳои муқарраргардида иҷозат дода мешаванд;
- моддаҳои сахт ва хокамонанд бо грамм (0,001;0,5;1,0);
- моддаҳои моеъ бо миллилитр, грамм ва қатра;
- тарзи истифодабарии маводи доругӣ бо забони тоҷикӣ дар дорухат ба тарзи фаҳмо ( хоно) навишта мешавад;

- навъи пардохт хат кашида шуда, нолозимаш тоза карда мешавад;

- ному насаби бемор, синну сол, суроға ва дафтарчаи тиббии беморони амбулаторӣ пурра нишон дода мешавад;

- ному насаби табиб, рақами телефон, рақами дипломи табиб пурра нишон дода мешавад. Имзои табиб бо муҳри шахсии ӯ бояд тасдиқ карда шавад;

- дар дорухати мазкур маводи доругии психотропӣ, сахттаъсир, инчунин ба таври ройгон ва имтиёзнок таъин карда мешаванд.

Замимаи 4

ба Тартиби таъин намудани истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ

Шакли № 4

# Т А Л О Н И  В О Б А С Т А К У Н Ӣ

№ ___

(сиккаи муассисаи табобативу пешгирӣ)

Ба_____________________________________________________________________________________________

(Ному насаби роҳбари муассисаи фарматсевтӣ ва суроғаи муассиса )

Вобаста мекунад ба бемор _______________________________________________________________________________.

(ному насаб, соли таваллуд ва суроға)

Дафтарчаи тиббии бемори амбулаторӣ№ ___ ташхис ___________________барои гирифтани маводи доругии нашъадор

___________________________________________________________________________________________

(яке аз маводи доругии нашъадор нишон дода шавад)

Меъёри истеъмоли шабонарӯзӣ____________________________________________________________________

(тарзи истеъмол)

Роҳбари муассисаи табобативу пешгирӣ_______

Раиси комиссияи машваративу тиббӣ_________

Ҷ.М.

Табиби муолиҷакунанда___________________

Роҳбари муассисаи фарматсевтӣ____________

26. Истеъмоли дарунии маводи доругии нашъадор ва психотропӣ бояд танҳо дар ҳузури ҳамшираи тиббӣ ба амал бароварда шавад. Истеъмоли маводи доругӣ тавассути сӯзандору бо таъиноти табиб аз тарафи ҳамшираи тиббии ҳуҷраи доругузаронӣ ё ҳуҷраи беморон дар ҳузури табиб гузаронида мешавад ва дар таърихи беморӣ ва варақаи таъинот қайд мегардад. Маводи доругӣ баъд аз ба бемор кумак расондан дар китоби баҳисобгирӣ қайд карда мешавад.

27. Таъин намудан ва истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ ба беморони саратон ва дигар беморони эҳтиёҷманд:

- таҳвили маводи доругии нашъадор ва несту нобут кардани онҳо дар муассисаи табобатию пешгирӣаз тарафи комиссияи доимоамалкунанда оид ба назорати қайд ва истеъмоли маводи доругии нашъадори дар муассиса мавҷуд буда, ба амал бароварда мешавад;

- ба духтурони табобатӣ такроран навиштани маводи доругии нашъадор, танҳо пас аз баргардонидани шишадоруҳои истифодашуда аз ҷониби бемор ва ё хешовандонаш, ки миқдори онҳо ба доруҳои таъингардидаи дафъаи гузашта мувофиқат мекунанд, иҷозат дода мешавад, ба истиснои захираи серӯзае, ки ҳангоми муроҷиати навбатӣ барои маводи доругии нашъадор таҳвил карда мешавад;

- шишадоруҳои холии маводи доругии нашъадор ва дорухатҳои махсус дар муассисаҳои фарматсевтӣ тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ несту нобуд карда мешаванд;

- вобаста аз мавқеи ҷуғрофӣ, инчунин вобаста ба ҳолати бемор, таъмин намудани беморони саратон бо маводи доругии нашъадор тавассути коркунони масъули муассисаҳои ёрии аввалини тиббию санитарӣ иҷозат дода мешаванд.

28. Бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои аз муомилоти қонунӣ ба муомилоти ғайриқонунӣ гузаштани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ва пешгирии нашъамандӣ, баъди фавти беморони гирифтори саратон ва ё беморони эҳтиёҷдошта, ки маводи доругии нашъадор ва психотропӣ дар шароити хона таъин гардидаанд, боқимондаи онҳо барои несту нобуд кардан ба муассисаи табобативу пешгирии ин шакли маводи доругириро таъиннамуда супорида мешаванд. Бо фармоиши роҳбарони муассисаҳои табобативу пешгирӣ ва фарматсевтӣ шахси масъул барои қабул намудани маводи доругии нашъадор ва психотропии боқимонда, дорухати махсуси истифоданашуда ва шишадоруҳои холии маводи доругии нашъадор таъин карда мешавад. Шахси масъул бояд хароҷоти маводи доругиро аз лаҳзаи қабули дорухате, ки дар варақаи амбулаторӣ ва ё ин ки дар таърихи беморӣ қайд гардидааст, тафтиш намуда, баҳисоб гирад. Миқдор, номгӯй, шакли маводи доругӣ шишадору, ҳаб, хока дар китоби махсус ба қайд гирифта мешаванд (замимаи 5). Маводи доругии нашъадор ва психотропии боқимонда, дорухати махсуси истифоданашуда ва шишадоруҳои холии маводи доругии нашъадори аз ҷониби беморони саратон ва дигар беморони эҳтиёҷдошта, ки дар муассиса ҷамъ карда шудаанд, бо иштироки роҳбари муассисаи табобативу пешгирӣ несту нобуд карда мешаванд.

Замимаи 5

ба Тартиби таъин намудани истеъмоли
воситаҳои нашъадор ва моддаҳои
психотропӣ бо мақсадҳои тиббӣ

Шакли № 5

**КИТОБИ**
**баҳисобгирии қайди маводи доругии нашъадори истифоданашуда ва доруxатҳои махсуси шакли тасдиқшуда**

Номгӯйи маводи доругӣ ___________________________________

Воҳиди ченкунӣ ________________________________

| № | Санаи воридшавӣ | Ному насаб ва суроғаи бемор | Миқдори умумии варақаҳои доруxат | Аз он ҷумла миқдори доруxонаҳо | Номгӯйи маводи доругии нашъадори супоридашуда | Миқдори шишадоруҳо, хокаҳо ва ҳабҳо | Ному насаб ва имзои шахсе, ки супоридааст | Ному насаб ва имзои шахсе, ки қабул кардааст | Чораҳои анҷом додашуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |

29.Меъёрҳои дастрасӣ ва таҳвил намудани аналгетикҳои афюнӣ барои беморони табобатнашавандаи (паллиативӣ) саратон дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

Ҷадвали№4

| №<br>р/т | Номгӯйи маводи доругӣ | Шакли таҳвил намудани воя | Меъёри баландтарини таҳвил барои 5-10 рӯзи табобат |
|---|---|---|---|
| 1 | Морфин гидрохлорид | Ҳабҳои барои истеъмоли дарунӣ Ҳабҳо :10 мг | 100 дона ҳаб |
| 2 | Морфин гидрохлорид | Шишадоруҳо: 10 мг дар 1мл | 30 дона шишадору |
| 3 | Бупренорфин | Ҳабҳои барои истеъмоли зери забон. Ҳабҳо: 0,2 мг | 100 дона ҳаб |
| 4 | Бупренорфин | Маҳлул барои истифодабарӣ тавассути сӯзандору. Шишадору: 0,3 мг дар 1мл | 60 дона шишадору |
| 5 | Бупренорфин | Маҳлул барои истифодабарӣ тавассути сӯзандору. Шишадору: 0,6 мг дар 2мл | 30 дона шишадору |